# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод гардидааст.**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд аз ҷумлаи таҳқиқотҳои илмии бунёдии ватанӣ маҳсуб мегардад, ки ба баррасии яке аз масъалаҳои муҳим ва таъсиргузор дар арсаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ ба шумор меравд. Мавзуи интихобшуда муҳим арзёбӣ шуда, воқеан дар асри ҷаҳонишавӣ ва густариши робитаҳои байналхалқӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, оилавӣ ва маданӣ беш аз беш дорои унсури хориҷӣ мегарданд. Ҳузури шаҳрвандони кишварҳои мухталифи хориҷӣ дар қаламрави давлатҳои бегона, муҳоҷират, таҳсилот, тиҷорат ва издивоҷҳо бо шаҳрвандони хориҷӣ мунҷар ба таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба масъалаи муқаррар намудан ва танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ шавад.

Дар ин таҳқиқот муаллиф бо руйкардҳои таҳлилӣ ва татбиқӣ ба баррасии паҳлуҳои назариявӣ, илмӣ ва амалии шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ пардохта, дар ин замина пешниҳод ва хулосаҳои судманди илмӣ изҳор намудааст, ки дар ҳалли мушкилоти танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ

дар муносибатҳои ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ кумак менамоянд. Ҳамчунин, муаллиф зимни баҳрагирӣ аз манбаҳои асили ҳуқуқӣ, доктринаи ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, амалияи судӣ тавонистааст тасвири фароҳамоваранда аз ҷойгоҳ ва масъалаҳои муҳимми вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии бо унсури хориҷӣ ироа намояд.

Автореферати дисертатсияи Одиназода У.С. бо талқини баҳсҳои назариявӣ ва ниёзҳои амалии ҷомеа пайванди ногусастанӣ миёни назария ва амалияи ҳуқуқӣ барқарор намудааст. Сохтори он ҳамоҳанг ва муназзам буда, аз муқаддима то хулосабарорӣ пайвастагии фикрӣ ва мантиқӣ риоя шудааст. Муаллиф бо таҳлили масъалаҳои муайян кардани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ, масоили танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, махсусиятҳои танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои хусусӣ бо унсури хориҷӣ мураккабгаштаро ба сурати ҳамаҷониба табйин намояд.

Дар ин замина, яке аз барҷастатарин хусусиятҳои ин таҳқиқот корбурди усулҳои илмӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Масалан, бо дарназардошти усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ пажуҳишгар бо таҳлил ва баррасии муқоисавии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Амрико, Россия, Чин, Узбекистон, Қазоқистон, Олмон ва ғайра бо қонунгузории ватанӣ масъалаҳои ба мавзуъ алоқамандро равшан сохта, дар асоси ёфтаҳои худ пешниҳодҳое барои беҳбудӣ ва такмили қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудааст. Дар ин асно, нигоранда зимни риояи усулҳои илмӣ ва

ҳуқуқӣ бо нигоҳи навоварона масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии бо унсури хориҷӣӯиро таҳлил намуда, роҳи ҳалли мушкилоти ҷойдоштаро баён намудааст.

Натиҷаҳои бадастомада аз ин таҳқиқот дорои арзиши баланди назаривӣ ва амалӣ мебошанд. Аз як тараф метавонанд ба ислоҳ ва такмили қонунгузории кишвар таъсир расонанд ва аз сӯйи дигар, ба сифати манбаи муҳимми омӯзишӣ ва таҳқиқотӣ барои унвонҷӯён, муҳаққиқон, ҳуқуқшиносон, донишҷӯён ва ғайра мавриди истифода қарор гирад.

Дар баробари паҳлуҳои мусбати автореферат, баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд. Масалан, дар автореферат муаллиф меъёрҳои асосии коллизионии меросро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ тавсиф намудааст. Дар матни автореферат танҳо мазмуни меъёрҳои қонунгузорӣ оварда шуда, бартарӣ, мушкилоти амалии татбиқ ё масъалаҳои баҳсталаби танзими коллизионии мерос мавриди таҳлил қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ мувофиқи мақсад аст, ки муаллиф ҳангоми ҳимоя ба масъалаҳои зикршуда андешаи худро асоснок менамуд.

Бо таваҷҷуҳ ба навоварӣ, пешниҳоду хулосабарории судманд ва арзиши илмӣ ва амаливу корбурдии ин таҳқиқот, ин ҷониб таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро пажӯҳиши муваффақ, муназзам ва шоистаи дифоъ арзёбӣ менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи

«Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Қурбонализода Н.Ш.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42
**E.mail:** Nurullo1988@inbox.ru
**Тел.:** 711-15-77-777

**Имзои** Қурбонализода Н.Ш. -ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.
«04» 05 2026 с.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42
**Тел.:** +992 (37) 221-62-84;
**E.mail:** dushanbe80@yahoo.com